**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Дар шароити инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ, масъалаи танзими ҳуқуқии ҳолати ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ аҳаммияти хоссаи назариявӣ ва амалӣ касб менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба татбиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва Стратегияи рушди сайёҳӣ то соли 2030, баррасии заминаи ҳуқуқии танзими фаъолияти ин субъектҳо, аз ҷумла ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулияти онҳо, мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ мебошад. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода Сорбон Мақсад ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир, ки соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои сердаромади иқтисодиёт эътироф мегардад, ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, ки субъектҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин соҳа мебошанд, дар марҳилаи ислоҳот қарор дорад. Муаллиф ба таври возеҳ нишон додааст, ки мавҷудияти ихтилофҳо дар қонунгузорӣ, набудани механизмҳои самараноки суғурта, сертификатсия ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон, зарурати таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро дар ин самт тақозо менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва асосҳои назариявӣ.** Муаллиф ба омӯзиши васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла қонунгузории Федератсияи Русия, Қазоқистон, Узбекистон, Туркия, Фаронса, Чин ва Ҷопон такя кардааст. Дар автореферат оварда шудааст, ки дар таҳқиқот методҳои муосири илмӣ, аз ҷумла методҳои таҳлил, синтез, муқоиса, системавӣ,

функсионалӣ, таърихӣ ва ҳуқуқии муқоисавӣ истифода шудаанд. Ин ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот асоси устувор фароҳам овардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Нововарии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти мустақили илмӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими илмии таҳқиқот метавон омӯзиши мафҳуми «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» ҳамчун категорияи илмӣ-ҳуқуқӣ, ҷудокунии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо ба се гурӯҳи асосӣ (умумӣ, махсуси соҳавӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон), таҳлили шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ҳамчун шартномаи омехта, инчунин муайян намудани фарқияти байни туроператор ва турагентро арзёбӣ намуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти он метавонад барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ ҳамчун заминаи назариявӣ хизмат намояд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки пешниҳодоти муаллиф, аз қабили табдил додани Феҳристи давлатӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ, ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон, таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ бо имтиёзҳои андозӣ ва ҷорӣ намудани визаи электронӣ, метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти иҷроия, аз ҷумла Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода шаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида.** Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида (дар автореферат саҳ. 7-9) аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ҳам хусусияти назариявӣ ва ҳам хусусияти амалӣ доранд. Алоҳида қайд кардан бамаврид аст, ки муаллиф пешниҳоди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар таҳрири нав, муқаррар намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон (барои байналмилалӣ на камтар аз 50 ҳазор нишондиҳанда, барои дохилӣ на камтар аз 10 ҳазор) ва танзими муфассали

шартномаи хизматрасонии сайёҳиро пешниҳод намудааст, ки бо назардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ба такмили қонунгузорӣ мусоидат менамояд.

**Мулоҳизаҳо ва пешниҳодҳо оид ба такмили таҳқиқот.** Дар робита ба мазмуни автореферат ва пешниҳодоти муаллиф, ишора намудани баъзе мулоҳизаҳо ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ба феҳристи ягонаи электронии дастраси умум табдил дода шавад. Аммо дар автореферат ҷанбаҳои техникии татбиқи ин пешниҳод (масалан, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, тартиби ворид намудани маълумот, механизмҳои ҳифзи маълумотҳои шахсии соҳибкорон) ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд. Дар рафти ҳимояи ошкоро, унвонҷуро зарур аст, ки дар бораи механизми амалии татбиқи низоми мазкур, аз ҷумла ҳамкории байни Кумитаи рушди сайёҳӣ, Кумитаи андоз ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро равшан созад.

2. Дар автореферат ба раванди рақамикунонии хизматрасонии сайёҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, аммо масъалаҳои ҳифзи маълумотҳои шахсии сайёҳон ҳангоми истифодаи низомҳои электронии фармоиш ва пардохт (ба монанди хатарҳои киберӣ, риояи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ») ба таври алоҳида таҳлил нашудаанд. Ба назари мо, дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ, ин ҷанба низ бояд дар таҳқиқот инъикос меёфт.

**Хулосаи умумӣ.** Бо вуҷуди мулоҳизаҳои зикршуда, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ коҳиш намеёбад. Автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз

рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи мадани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи А. Ғуломов 31, хонаи 6
E.mail: komron231823@gmail.com
Тел: корӣ 221-06-10
Мобилӣ 93-823-18-23

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.

«10» 06 соли 2026

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42.
Тел.: +992 (37) 223-06-10;
E.mail: dushanbe80@yahoo.com